**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Муаммои мутаносибгардонии фаъолият, ки барои ноилшавӣ ба мувофиқат, баробарӣ, тартиби қисмҳои том, ягонагии гуногуннавъӣ, мувофиқати ҳадаф, мундариҷа ва шакл равона гардидааст, имрӯз дар худмуайянкунии инсон ба муаммои ҳифзи асосҳои мавҷудияти ӯ мувофиқ аст. Сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро тавассути мутаносибгардонӣ баланд метавон кард. Мутаносибӣ метавонад асоси рушди устувори иҷтимоӣ ва маънавии кишвар гардад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба сифати яке аз ҳадафҳои таҳсилот пеш оварда шудааст.

Диссертатсияи Пиров Ҳ.П. дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” аз муҳимтарин таҳқиқотҳо ба шумор рафта, ҷанбаҳои назарию амалии муайян намудани хусусиятҳои муносибатҳои педагог ва мактаббачагон, рушди шахсият, коркарди муаммоҳои дарки моҳияти салоҳиятнокии касбию педагогиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки он барои фароҳам овардани фазои мутаносибкунандаи худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфта, муаллиф барои исботи натиҷаҳои ба дастоварда аз ҷадвалу диаграммаҳо истифода намудааст.

Дар муқаддима муҳимияти масъалаи мавриди таҳқиқ қарорёфта, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, методологияи таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон” унвон гирифтааст, муаллиф ба масъалаҳои муҳими муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда, меъёрҳо ва маҷмуи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору мактаббачагон таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Дар ин боб таҳлили моҳияти чунин муносибатҳо анҷом ёфта, пеш аз ҳама, мундариҷаи мафҳуми «мутаносибӣ» аз дидгоҳи фалсафа, ҷомеашиносӣ, педагогика, санъатшиносӣ дар асоси омӯзиши ақидаҳои файласуфону мутафаккирони Юнони Қадим, асрҳои миёна, давраи Эҳё ва асри XX баррасӣ ва дақиқ гардидааст. Ҳамчунин, дар доираи ин боб бо мақсади таҳқиқи ҷузъҳои сохторӣ ва сатҳҳои зоҳиршавии мутаносибшавии муносибатҳо ҷадвали «Мусоидати педагогӣ ба муносибатҳои арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагон» мураттаб гардидааст, ки он инъикоскунандаи фоизҳои сатҳи зоҳиршавии нишонаҳои ҷузъҳои сохтории раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгорон ва мактаббачагон дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ мебошад

Ҷоизи қайд аст, ки дар боби аввали рисолаи илмӣ моҳияти мафҳумҳои муносибат, таносуб, номутаносибӣ, мутаносибгардонии сохторӣ ва функсионалӣ ошкор карда шуда, ҷузъҳои раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгорон ва мактаббачагонро муайян гардиданд.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки “Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон” номгузорӣ шудааст, муаллиф ба худташхис ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои таҳқиқшаванда анҷом ёфта, самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон санҷида шудаанд.

Муаллиф, таъкид менамояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии раванди педагогии инсонгароёна намудани муносибатҳои педагог ва мактаббачагон мутаносибгардонии он бо назардошти натиҷаҳои худташхис ва худтаҳлилкунӣ зарур аст.

Дар боби мазкур амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача тарҳрезӣ гардидааст. Ҳамчунин, таъкид мешавад, ки дар шароити имрӯза дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ мушкилоти мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда меафзоянд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон тавассути таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар диссертатсия сатҳи омодагии омӯзгор дар мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон тариқи тайёрии ташкилӣ ва психологию педагогӣ дар ҷадвалҳо инъикос ёфтааст, ки он натиҷаҳои омӯзиши сатҳи инкишофи мулоҳизаронихои ахлокии мактаббачагони гурӯҳҳои озмоишӣ тағйироти низомҳои баҳодиҳиро ҳамчун заминаи интихоби арзишҳо ошкор менамояд.

Дар маҷмуъ аз мутолиаи фишурдаи рисола метавон ба ин натиҷа расид, ки муаллиф муҳимтарин масъалаҳои таҳсилоти муосир, рушди мутаносиби шахсияти мактаббачагон, равандҳои мутобиқшавӣ, иҷтимоишавӣ ва ташаккули сифатҳои инсонпарварии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти минаи умумиро ба миён гузошта, мавриди ҳаллу баррасӣ қарор додааст. Навгониҳои диссертатсия дар пешниҳодод ва тавсияҳои муаллиф ба таври мукаммал арзёбӣ шуда, барои омӯзиши мавзую масъалаҳои мубрами илми педагогика ба хусус, корбасти методҳои самарабахши таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рушди шахсияти хонандагон накши муассир хоҳад гузошт. Хулосаҳои илмии муаллиф барои рӯи кор омадани таҳқиқотҳои минбаъда дар самти масъалаҳои афзун намудани самаранокии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача аҳамияти махсус доранд.

Ҷанбаҳои илмии диссертатсия низ назаррас буда, натиҷаҳои бадастомада,

маҳсули омӯзишу муқоиса ва озмоишу ҷустуҷӯҳои муаллиф буда, тавассуди методу усулҳои таҳқиқотии таҳлилу синтез, лоиҳакашию амсиласозӣ, таҷрибаю озмоишҳои педагогӣ, дараҷабандӣ, ҷадвалсозию коркарди математикӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия мундариҷа ва методикаи кор оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои омузгор ва хонанда коркард шуданд, ки корбариро на танҳо бо хонандагон, балки бо омӯзгорони фаннӣ, роҳбари синф ва психологи муассисаҳои таълимӣ пешбинӣ менамояд.

Автореферати диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" тибқи талаботҳои ҷойдошта таҳия гардидааст ва муллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

**Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Азимова Назира Самадовна**

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хуҷанд, Маҳаллаи 17, хонаи 1,**
**Телефон: + 992(3422)23811**
**Почтаи электронӣ: nazira-tgu@mail.ru**
**Вэб сомона:www.tsulbp.tj**

**Имзои Азимова Н.С.–ро тасдиқ менамоям**
**Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС